# ПАРЧАМ – ТАҶАССУМГАРИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 15 (178) 24-УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2022, ПАНҶШАНБЕ

Нишон аз зоду аз озоди тоҷик.
Нишон аз кишвари ободи тоҷик.
Нишон аз таърихи дирӯзу имрӯз,
Нишон аз адлу доду бахти пирӯз.
Нишон аз шоҳу тахту тоҷи заррин,
Нишон аз мусҳафу аз кешу оин,
Нишон аз боду хоку оташу об,
Нишон аз Рустаму Ковусу Сӯҳроб.
Нишон аз Борбад, аз Оли Сосон,
Нишон аз Рӯдакӣ, аз Оли Сомон.
Нишон аз чашмаву дарёву кӯҳаш,
Нишон аз шавкату шону шукуҳаш.
Нишон аз манзилу маъвои тоҷик,
Нишон аз қисмату дунёи тоҷик.
Нишон аз шоирону аз забонаш,
Нишон аз шеъру байту достонаш.
Нишон аз мутрибу аз шашмақомаш,
Нишон аз бодаву маҳфилу ҷомаш.
Нишон аз деҳу шаҳру шабчароғаш,
Нишон аз мазраву аз боғу роғаш.
Варо сурхӣ нишонҳо аз набард аст.
Набарде, ки дар он андуҳу дард аст.
Сафедиаш дили поку сафед аст.
Ба роҳи зиндагониҳо умед аст.
Рухи сабзаш нишони сарбаландист,
Баландиаш нишони арчмандист.
Ки Шоҳи кишвараш шаҳбозу бабр аст,
Тавоною баланд, шери ситабр аст.
Ки Пешво аст – Пешвои хирадманд,
Раҳу рояш ба кори нек пайванд.
Ба некон з-ӯ навою бору барг аст,
Бадонро аз ниҳебаш бими марг аст.
Сазад, ки бод доим Сарвари мо,
Нигаҳдорандаи тоҷу фари мо.
Пару парвози тоҷик ҷовидон бод.
Парафшон Парчамаш то осмон бод.

**Содиқи КАШРУДӢ**
**дастпарвари факултет**




**Парчами давлатӣ ҳамчун нахустин рамзи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон 24-уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи 16-уми сарнавиштсози Шурои Олии кишвар, ки дар ҷараёни он тақдири давлатдории навини тоҷикон тарҳрезӣ гардида, дар роҳи таъмини сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, инчунин, ба сӯйи ҳадафҳои умумимиллӣ қадамҳои аввалин гузошта шуданд, қабул гардид.**

**Парчами миллӣ, ки ифодагари иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллии мардуми фарҳансолори мо мебошад, ормону орзу ва мақсаду мароми тоҷиконро дар ҷилои рангҳои худ инъикос кардааст.**

**Дар қатори дигар рамзҳои муқаддаси миллӣ арҷгузорӣ ба Парчам ва ба ҷо овардани эҳтироми он қарзи виҷдонии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ба шумор меравад.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Қурбонализода Н.Ш.**
номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, декани
факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид
ба илм ва иноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба масъалаҳои рушди
иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа,
профессори кафедраи
назария ва таърихи давлат
ва ҳуқуқ, узви вобастаи
АМИТ;
**Саидзода Р.Ҳ.**
Вазири маориф ва илми ҶТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси
Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, ректори ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи гражданӣ,
академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорат, узви вобастаи
АМИТ.
**ШАРТҲОИ**
**ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда
намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times
New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ
шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи
муаллифон мувофиқ аст ва ақо-
иди мухталифро ба хотири риояи
ҷандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳан-
ги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-
уми марти соли 2016 ба қайд
гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе,
Буни Ҳисорак, шаҳраки
Донишҷӯён, факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# БОЗДИДИ ТЕМУР РАҲИМОВ АЗ ОСОРХОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маркази бузурги илмию таълимӣ ва фарҳангии ҶТ ба ҳисоб рафта, мутахассилини он на танҳо дар самти илму таълим, инчунин, дар самти соҳаи варзиш низ ба дастовардҳои назаррас шарафёб гаштаанд.

Санаи 10 ноябри соли 2022 бо дастгирии ректори ДМТ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. паҳлавони маъруфи тоҷик, ғолиби мусобиқаи «Baku Grand Slam 2022» Темур Раҳимов ба донишгоҳ ташриф овард.

Варзишгари шинохтаро роҳбарияти донишгоҳ ва зумрае аз донишҷӯён-варзишгарони донишгоҳ истиқбол гирифтанд. Ректори донишгоҳ зимни суҳбат Темур Раҳимовро барои дастовард ва муваффақияти навбатияш самимона табрик намуда, дар робита ба муваффақиятҳои донишҷӯён-варзишгарони донишгоҳ иттилоъ дод. Сипас, роҳбарияти донишгоҳ ва паҳлавони маъруфи тоҷик Темур Раҳимов аз Осорхонаи Пешвои миллат боздид намуданд.

Ёдовар мешавем, ки Темур Раҳимов дар мусобиқаи «Baku Grand Slam 2022» миёни сангинвазнон мақоми аввалро касб кард, ки ин аввалин медали тилло дар таърихи ҷудои кишвар дар мусобиқаҳои Гранд Слам ба ҳисоб меравад.



Бояд қайд кард, ки Темур Раҳимов аз рӯйи маълумоти дуюм дар факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ низ таҳсил мекунад.

# ҲАМКОРӢ БО МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА



ДМТ барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси ҳуқуқшинос бо Прокуратураи генералии ҶТ ва дигар ниҳодҳои давлатӣ ҳамкории зичро роҳандозӣ намуда, талоши онро менамояд, ки дар пешбурди сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши худро гузорад.

Барои амалӣ намудани ин мақсадҳо, пайваста устодону кормандони донишгоҳ барои баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура ҷалб мегарданд. Дар ҳамин минвол, аз санаи 2 то 16 ноябри соли равон семинар-машварат байни ёрдамчиёни самти назорати умумӣ ва муфаттишони прокуратураҳои ноҳияҳои шаҳри Душанбе, вилояти Хатлону Суғд аз ҷониби Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи ҶТ баргузор гардид, ки дар кори он устоди кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Миралиев Эмомалӣ иштирок намуда, дар мавзуи «Мафҳум, моҳият ва тавсифи умумии ҷинояти азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» маъруза намуд. Зимни баромад, ҷанбаҳои илмӣ-назариявии ҷинояти мазкур, ки дар шароити имрӯза ташвишовар мебошад, мавриди таҳлил қарор дода шуд.



# ХУШХАБАР



Раёсати ДМТ тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи маориф зимни ифтитоҳи бинои нави Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода ҷиҳати таъсиси додани гуруҳҳои академии таҳсилашон бо забонҳои хориҷӣ, ҳамзамон, дар партави амали гаштани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» ва тибқи протоколи ҷаласаи назди Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа (аз 28.08.2022, №16/10-172) «Оид ба вазъи омӯзиши забонҳои хориҷӣ (махсусан забонҳои русӣ ва англисӣ) чораҳои зарурӣ андешида, нақшаи чорабиниҳои донишгоҳӣ таҳия намуда, дар самтҳои мухталиф тадбирҳои муҳиммеро рӯйи кор гирифтааст.

Дар асоси бандҳои алоҳидаи нақшаи чорабиниҳо бо фармоиши ректори донишгоҳ аз оғози соли таҳсил гурӯҳи нав аз ҳисоби донишҷӯёни курси якуми факултети ҳуқуқшиносӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳсил менамуданд, гуруҳи академии таълимашон пурра бо забони англисӣ таъсис дода шуд.

Ёдрас мешавем, ки таъсиси гуруҳи забони англисӣ дар ихтисоси ҳуқуқшиносӣ иқдоми нав буда, умед аст, ки баҳри таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии донишҷӯён мусоидат менамояд.

# РАМЗИ ДАВЛАТДОРӢ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

Санаи 22 ноябри соли 2022 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Парчам – рамзи давлатдорӣ ва ҳувияти миллӣ» баргузор гардид.

Саравал муовини аввал, муовини декан оид ба таълими факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, дотсент Кабутов Э.Д. чорабинии мазкурро ҳусни оғоз бахшида, ҳамагонро ба муносибати иди Парчами давлатӣ самимона табрику шодбош намуда, сипас, изҳор доштанд, ки ба даст овардани соҳибихтиёрӣ боис гардид, ки бо ташаббусҳои бевоситаи Пешвои миллат дар мамлакат рамзҳои нави давлатдории миллӣ, яъне Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ қабул



гардида, муаррификунандаи кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ мебошанд. Дар миёни ин рамзҳои муқаддас нақши Парчами давлатӣ бағоят бузург дониста мешавад. Зеро, зери ин рамзи муқаддас тамоми мардуми Тоҷикистон саф кашида, ба сӯи ояндаи дурахшон раҳсипор мебошанд.

Баъдан, намояндаи Раёсати донишгоҳ Рустам Наботӣ вобаста ба аҳаммияти Парчам аз умқи таърих то замони истиқлол суханронӣ намуда, иброз доштанд, ки мардуми мо аз қадимулайём то ба ҳол фарҳанги давлатдорӣ ва парчамдориро соҳиб буда, ин арзишҳои муқаддасро дар ҳама шароит ва вазъияти таърихӣ ҳамеша мисли гавҳараки чашм нигоҳ медорад.

Дар конференсияи фавқуззикр доираи васеи иштирокчиён, аз қабили роҳбарияти факултет, устодону кормандон, олимону донишмандон, аспирантону унвонҷӯён, намояндагони мақомоти давлатӣ ва магистрҳо иштирок намуда, вобаста ба моҳият, хусусият, таърих ва мавқеи ҳуқуқии Парчами давлатӣ маъруза намуданд.

**Таҳияи**
**Ҷ. САЪДИЗОДА**

# РАМЗИ ИТТИҲОДУ САРЧАМЪӢ



Шукрулло ҒАЮРЗОДА
мудири кафедраи
ҳуқуқи гражданӣ

Парчам яке аз рамзҳои давлатӣ буда, дар баробари Нишон ва Суруди Миллӣ ҳамчун объекти махсуси ҳифзшаванда эътироф шудааст. Парчами ҷумҳурӣ таъиноти худро дорад, ки ифодагари соҳибихтиёрии давлатӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва таъриху тамаддуни ғановатманд ба шумор меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро эълон намуда, узви мустақили Созмони Милали Мутаҳид гардида, таҳияи Парчами ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар рафти таъсиси давлати миллӣ гардид.

Тартиби таҳияи лоиҳаи Парчами давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ муайян карда мешавад. Бинобар ин, барои интихоби объективонаи беҳтарин лоиҳаи Парчами давлатӣ озмун эълон карда шуд. Дар озмун зиёда аз 200 лоиҳа пешкаш карда шуд, ки ҳар яки онро Комиссияи босалоҳият таҳти роҳбарии академик Муҳаммад Осимӣ мавриди омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор дод. Ҳамаи иштирокдорони ин озмун лоиҳаи таҳиянамудаи худро дар матои серанга (матоъ бо се тасмаи ранг) пешниҳод намуданд. Дар он ҳар як ранг ифодакунандаи таърихи гузашта ва имрӯзаи миллати тоҷик буд.

Дар ҷамъбасти корҳои таҳлилии гузаронидашуда, лоиҳаи парчами аз ҷониби гуруҳи эҷодии З. Ҳабибуллоев, А. Заневский, Л. Додхудоева, Н. Игнатушина ва М. Сайдалиев пешниҳодшуда, беҳтарин эътироф гардид. Дар ин кор Комиссияи озмунӣ хато накард, чунки муаллифони он шахсиятҳои воқеан эҷодӣ ва дар доираи илмию фарҳангии ҷаҳон маъруф мебошанд. 24 ноябри соли 1992 дар Қасри арбоб дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии кишвар Парчами нави давлатӣ бо қарори вакилони мардумӣ қабул гардид. Дар баробари дигар хизматҳои таърихии ин Иҷлосияи давлатсоз, тасдиқи Парчами давлатии кишвар яке аз мавзуъҳои муҳимми фаъолияти самараноки вакилони мардумӣ буд.

Яке аз рамзҳои давлатӣ будани Парчам дар моддаи 3 Конститутсияи ҷумҳурӣ аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003,



аз 22 майи соли 2016, муқаррар шудааст.

Боби дуюми Қонуни ҶТ «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2007, таҳти 254 (м. 5-6) тартиби афрохтани Парчам ва ҷойгиркунии тасвири онро танзим мекунад. Вале қонуни мазкур мафҳуми расмии онро муайян накардааст.

Мафҳуми Парчами давлатӣ дар банди 2 Низомнома дар бораи он ки бо Қарори Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ аз 14 марти соли 2007, таҳти № 499 тасдиқ шудааст, муайян мегардад. Аз он бармеояд, ки Парчами мазкур матои росткунҷаест, ки дар рӯи он се рахи рангаи ба таври уфуқӣ ҷойгирифта кашида шудааст: рахи боло ранги сурх дошта, паҳнои он ба рахи сабзи поён баробар мебошад; рахи сафеди мобайнӣ якуним баробари паҳнои яке аз рахҳои ранга аст. Дар рӯи рахи сафед, аз ҷои чӯбдаста дар мобайни парчам бо зарҳал рамзи тоҷ ва дар болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира тасвир шудааст.

Рангҳои Парчами ҷумҳурӣ маънои ба худ хос доранд. Дар ин хусус, Эмомалӣ Раҳмон – Президенти ҷумҳурӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат дар баромади худ ба муносибати рӯзи Парчам аз 23 ноябри соли 2010 рангҳои парчами давлатиро «Ифодагари роҳи таърихии халқи Тоҷикистон ва баёнгари арзишҳои фарҳанги миллӣ ва сиёсӣ» эътироф намуда, чунин ибрози назар намуданд: «Ранги сурх – рамзи муборизаву ҷоннисории халқ барои озодӣ ва истиқлол, ранги сафед – нишони бахту саодат, умеду орзу ва ранги сабз – нишонаи сарсабзиву хуррамӣ ва абадият мебошад. Дар байни парчам тасвири тоҷ ва ҳафт ахтар ҷой гирифтааст, ки он ишора ба решаҳои таърихии давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад».

Дар масъалаҳои таҳлили моҳияти Парчами давлатӣ, ба андешаи мо истифодаи ибораи вазъи ҳуқуқии Парчам қобили қабул нест, зеро Парчам субъекти ҳуқуқи конститутсионӣ намебошад. Вай реҷаи ҳуқуқии таҳия, истифода ва ҳифзро дорад. Сухан дар бораи объекти махсуси танзими ҳуқуқи конститутсионӣ меравад.

Ҳангоми истифодаи Парчами давлатӣ бояд муқаррароти қонунгузорӣ риоя карда шавад. Дар ҳоли муносибати ҷиноятқорона, Кодекси ҷиноятии ҷумҳурӣ аз 21 майи соли 1998, бо тағйиру иловаҳо тибқи Қонун аз 20 апрели соли 2021, таҳти № 1776, дар м. 342 «Таҳқир кардани рамзҳои давлатӣ» ҷарима ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то як сол ҷазо муқаррар намудааст.

# ПАРЧАМ – ИФОДАГАРИ РОҲИ ТАЪРИХИИ ХАЛҚИ ТОҶИК



Парвон МИРЗОЗОДА
мудири кафедраи ҳуқуқи
соҳибкорӣ ва тиҷорат

Ҳар як давлати соҳибистиқлол дар ҷаҳон рамз ва аломатҳои фарққунанда - Парчам, Нишон ва Суруди миллии худро дорад. Онҳо ягонагии мамлакат, баробарҳуқуқии халқҳоро ифода мекунанд. Хусусияти рамзҳои расмии давлатии Тоҷикистони муосир сарнавишти таърихии онҳост. Хусусияти асосии давлатдории ҳар кишвар парчами он аст.

Парчами давлатии ҶТ яке аз рукнҳои асосии муқаддасоти миллӣ буда, ифодагари рамзи ҳаёти осоишта, меҳнатдӯстӣ, бахту иқболи сафед, умед ба ояндаи нек ва лоиқи эҳтироми пиру барнои кишвар гардидааст. Парчами миллат дар қатори дигар муқаддасот рамзи давлату давлатдорӣ ва нангу номуси миллӣ мебошад.

Парчам дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамчун истилоҳ ба маънои ливо, байрақ, дирафш ва рамзи давлатӣ омадааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» зикр шудааст, ки парчам ин пӯпаки абрешимиест, ки ба нӯги байрақ мебастанд.

Аввалин зикри истифодаи парчамҳо аз ҷониби ниёгони тоҷикон дар «Авесто» зикр шудааст. Масалан, дар боби аввали «Видевдат» Бохтар «зебо, бо парчам баланд» - «Bāxδīm srīrąm ərəδβō.drafšąm» тавсиф шудааст. Ғайр аз ин, дар Авесто борҳо дар бораи «парчамҳои барзагов, ки дар шамол мепаранд» - «gaoš drafša-», инчунин «парчамҳои душманони ориёиҳо-эрониён» зикр шудааст. Бархе аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки парчамҳое, ки дар Авесто зикр шудаанд, ба парчами Коваи замонҳои баъдӣ ё ба “вексиллумҳо”-и римии қадим – сутунҳо, ки парчами сурхи чоркунҷае, ки аз сутуни панҷара овезон аст, ба мисли парчами калисои муосир наздиканд.

Дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ зикр шудааст, ки «Диравши ковиёнӣ» дар ҷараёни шӯриши эрониён бо сардории Коваи оҳангар бар зидди ғасби Заҳҳок пайдо шудааст. Кова пешдомани чарминашро ба пояи найза часпонд ва зери чунин парчам шӯришгаронро ба сӯи Фаридун, вориси ҳақиқии Пешдодиён, аввалин сулолаи шоҳони афсонавии форсу тоҷик бурд. Фаридун парчами коваиро нишонаи некӣ шуморида, матоъро бо ситораи чорраҳаи заррин, сангҳои гаронбаҳо ва лентаҳои рангҳои сурх, зарду бунафш оро дода, онро «Диравши ковиёнӣ» номидааст.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – рамзи истиқлоли давлатии ҶТ мебошад. Парчами ҶТ 24 ноябри соли 1992 пазируфта шудааст. Ҳамакнун вазъи ҳуқуқӣ, тартиби омодасозӣ, андоза ва корбурди расмии Парчамро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 май 2007 «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар мекунад. Рангҳои миллии тоҷикон чун дигар мардуми ориёнажод ва эронитабор сурху сафеду сабз ҳастанд, ки аз гаҳи бостон то кунун замон расидаанд. Дар ҷомеаҳои ориёӣ (ҳиндуэронӣ)



табақаҳои сегонаи аслӣ бо ранги вижаи худ таъбир ва шинохта мешудаанд. Дар забони ҳиндии бостон varna- (аз решаи var- «пӯшидан») ҳам ба маънои ранг ва ҳам ба маънои табақаи иҷтимоӣ будааст. Дар забони эронии бостон низ pištra- ҳам мафҳуми ранг дошта ва ҳам маънии табақаи иҷтимоӣ. Вожаи пеша ба маънои шуғл дар забони форсӣ-тоҷикӣ аз ҳамин вожа аст.

Дар он рӯзгор ранги сафед вижаи руҳониён, сурх вижаи размиён ва кабуд вижаи мардум (кишоварзон ва чорводорон) будааст. Руҳониён, ки онҳоро осрунон (авестоӣ: āθravan-, aθaurvan- [āsrōnān]) мехонданд, ҷомаи сафед мепӯшиданд ва мазҳари осмонии онҳо Ҳурмузд буд. Руҳониёни зардуштӣ ҳанӯз ҳам ҷомаи сафед бар тан доранд. Ҷанговарон ё артишторон (авестоӣ: raθaē-štar-) ҷомае мепӯшиданд, ки сурх ва арғувонӣ дар таркиби он саҳми бисёр дошт ва мазҳарии осмонии онҳо Вой буд. Востриюшон (авестоӣ: vāstrya.fšuyant-) ки дар давраи Сосониён бештар деҳқонони содаи рустоҳоро бад-он ном мехонданд, ҷомаи нилӣ ё кабуд мепӯшиданд ва мазҳари осмонии онҳо Сипеҳр буд. Рафта, рафта ранги кабуд ба ранги сабз табдил мeёбад, ки иттифоқ шояд ба хотири фаъолияти кишоварзон бошад.

Дар адабиёти паҳлавӣ Ҳурмузд (авестоӣ: ahura.mazdā; порсии миёна: ohrmazd) ҷомаи сафеди руҳониён, Вой (авестоӣ: vayu / vayaw; паҳлавӣ: порсии миёна: way - ба маънии фазо, - эзиди ҷанг) ҷомаи арғувонии артишторон ва Сипеҳр (авестоӣ: θwāša; порсии миёна: spihr) ҷомаи нилии кишоварзонро бар тан доранд ва ҳар як муаррифи минуи яке аз табақаҳои сегонаи ҷомеа ҳастанд.

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

# ПАРЧАМ, НИШОН ВА СУРУДИ МИЛЛӢ – МУҚАДДАСОТИ МИЛЛАТ



**Анвар САФАРЗОДА**
**профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**



**Эмомалӣ МИРАЛӢ**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

## РАМЗҲОИ ДАВЛАТӢ

Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва мустаҳкам гардидани пояҳои давлатдории миллӣ зарурати қабули рамзҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад. Мавҷудияти ин рукнҳои давлатдорӣ нишон аз соҳибихтиёрии кишвар буда, тахти ин муқаддасот давлатро дар арсаи байналмилалӣ мешиносанд ва эътироф мекунанд.

Рамзҳои давлатии ҶТ Парчами давлатӣ, Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ мебошанд, ки бо ба даст овардани соҳибихтиёрии комил қабул гардидаанд ва мавқеи ҳуқуқии онҳо дар қонунгузории кишвар мустаҳкам гардидааст. Зарурати дар қонун пешбинӣ намудани мавқеи рамзҳои давлатӣ дар он дида мешавад, ки онҳо дарвоқеъ, муқаддасу гаронарзиш буда, эҳтироми хосро аз ҷониби шаҳрвандон талаб менамояд.

## МАВҚЕИ ҲУҚУҚӢ

Мақеи ҳуқуқии рамзҳои давлатии ҶТ дар Низомномаи Парчами давлатии ҶТ аз 11 декабри соли 1999, Низомномаи Нишони давлатии ҶТ ва Низомномаи Суруди миллии ҶТ, Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994, Қонуни ҶТ «Дар бораи рамзҳои давлатии ҶТ» аз 12 майи соли 2007 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим гардидаанд.

Конститутсияи санади олии ҳуқуқӣ буда, танзимгари муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин хусусияти хоси худ, дар меъёрҳои ин санади олии ҳуқуқӣ мавқеи Парчами давлатӣ ифодаи худро ёфтааст. Дар моддаи 3 Конститутсияи ҶТ мавқеи ҳуқуқии парчами далатӣ пешбинӣ гардидааст. Дар моддаи мазкур муқаррар мегардад, ки рамзҳои давлатии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ мебошад. Меъёри мазкури конститутсионӣ ба он водор месозад, ки ин рукнҳои давлатдорӣ муқаддасу воло буда, муаррифгари давлат, мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон дар муносибатҳои дохиливу хориҷӣ мебошанд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи рамзҳои давлатии ҶТ» моҳият ва тартиби истифодаи расмии Парчам, Нишон ва Суруди миллиро муқаррар мекунад. Аз ҷумла, боби 1-и (моддаҳои 1-4) он муқаррароти умумиро дар бар гирифта, боби 2 бошад, (моддаҳои 5-6) ба Парчами давлатӣ, боби 3 (моддаҳои 7-8) ба Нишони давлатӣ ва боби 4 (моддаҳои 9-10) ба Суруди миллӣ ва боби 5 бошад, (моддаҳои 11-13) ба муқаррароти хитимавӣ бахшида шудааст. Дар баробари қонуни мазкур, низомномаҳои дар боло номбаршуда, тартиби истифода ва корбурдӣ рамзҳои давлатиро муқаррар намудааст.

## ЛИВОИ ИҚБОЛ

Яке аз рамзҳои муқаддас ва нишонаи муттаҳидии мардуми сарбаланди кишвар Парчами давлатӣ маҳсуб меёбад. Парчами давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳамчун рамзи бахту саодат, сарсабзию хуррамӣ ва сарбаландии миллату давлати тоҷикон, мақсаду ҳадафҳои созандаи ин миллати тамаддунофарро дар баландтарин минбару қасрҳои минтақавию байналхалқӣ ҷилвагар менамояд, ки ин боиси ифтихори мо мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни табрикоташон 23 ноябри соли 2009 ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ қайд намуда буданд, ки «Парчами имрӯзаи давлатӣ яке аз рамзҳои муҳимми истиқлолияти миллӣ ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад».

Бояд қайд намуд, ки 24-уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии ҶТ даъвати 12 дар баробари дигар масъалаҳои муҳимми давлатӣ – Қонуни ҶТ «Дар бораи даровардани тағйирот ба Конститутсияи ҶТ» қабул гардид. Мутобиқи он ба моддаҳои 169 ва 170-и Конститутсияи соли 1978, ки ба Нишони давлатӣ ва Парчами давлатӣ бахшида шуда буданд, тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Дар асоси ин тағйиру иловаҳо бори аввал Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми ноябри соли 1992 қабул карда шуд.

Минбаъд, санаи 11 декабри соли 1999 Низомномаи нави Парчами давлатии ҶТ қабул гардид, ки он сохтор, шакл, тартиби овехтан ва ҷойҳое, ки Парчами давлатӣ овезон карда мешавад, муайян мекунад. Аз ҷумла, дар баробари муқаррарот вобаста ба афрохтани Парчами давлатӣ дар болои биноҳои мақомотҳои давлатӣ, ҳамчунин, банди 7 Низомномаи мазкур пешбинӣ мекунад, ки Парчами давлатии ҶТ метавонад доимо дар ҷойҳои истироҳати шаҳрвандон, боғҳо, хиёбонҳо, гулгаштҳо, дар болои биноҳои истиқоматӣ ва дигар ҷойҳо, инчунин тасвири он ба мақсади ороишӣ ба сифати рамзи давлатӣ ва миллӣ тавре истифода гардад, ки дар ин мавриди нисбат ба Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳурматӣ содир нашавад.

## ТАСВИРИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ

Тартиби афрохтани Парчами давлатӣ дар моддаи 5 ва 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи рамзҳои давлатии ҶТ» аз 12 майи соли 2007 ифода гардидааст. Бояд иброз дошт, ки Қонуни мазкур ба таври васеъ тартиби истифода ва барафрохтани Парчами давлатиро инъикос намудааст. Аз ҷумла, моддаи 6 Қонуни мазкур истифодаи васеи тасвири Парчами давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон муқаррар мекунад:

- дар ҳавопаймоҳо, чархболҳо ва киштиҳое, ки дар қайди Ҷумхурии Тоҷикистон мебошанд;
- дар асъори миллии Ҷумхурии Тоҷикистон, коғазҳои қиматнок ва лотереяҳои пулию молии давлатӣ;
- дар нишони сарисинагӣ ва шаҳодатномаи узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон;
- дар нишони сарисинагӣ ва шаҳодатномаи вакили Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ ва вакили ҷамоат;
- дар нишони сарисинагии хизматчиёни давлатӣ;
- дар ҷойҳои истироҳати шаҳрвандон, хиёбонҳо, гулгаштҳо, лавҳаҳои телевизионӣ ва дигар нашрияҳои давлатӣ ҳамчун рамзи давлатӣ;
- дар аломатҳои қайди давлатии воситаҳои нақлиёт, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон.

Ҳамчунин, бинобар ин муҳиммияти хоси худ ва бо мақсади гиромидошти рамзи муқаддаси миллӣ 20-уми ноябри соли 2009 бо фармони Президенти мамлакат рӯзи 24-уми ноябр – Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид.

## ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ҶАҲОН

Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар баробари таҷлили Рӯзи Парчами давлатӣ ҳамасола дар рӯзҳои муайяни сол рӯзи Нишони давлатӣ ва Сурудӣ миллӣ таҷлил мегардад. Ба монанди он ки ҳамасола дар Ҷумҳурии Қазоқистон 4-уми июн ҳамчун рӯзи Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ ҷашн гирифта мешавад. Ҳамчунин, дар Федератсияи Россия 12-уми июн Рӯзи Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ қабул гардида, 22-юми август рӯзи Нишони давлатӣ ҷашн гирифта мешавад. Дар Ҷумҳурии Озарбойҷон бошад, 27-уми май Рӯзи Суруди миллӣ ва 9-уми ноябр ҳамчун Рӯзи Нишони давлатӣ, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон 10-уми декабр Рӯзи Суруди миллӣ, дар Ҷумҳурии Туркия 12-уми март ҳамчун Рӯзи Суруди миллӣ, дар Ҷумҳурии Латвия 7-уми июни ҳамчун Рӯзи Суруди миллӣ, дар Австралия 3-юми сентябр Рӯзи Нишони давлатӣ, дар Ҷумҳурии Беларусия 3-юми сентябр Рӯзи Нишони давлатӣ ҷашн гирифта мешавад.

## ПЕШНИҲОД

Ба хотири арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, яъне Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ ва боз ҳам баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ ва ватандӯстии шаҳрвандони мамлакат, эҳтироми арзишҳои давлатдорӣ, мустаҳкам кардани рукнҳои давлати миллӣ пешниҳод мегардад, ки ҳамасола санаи муайяни сол Рӯзи Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ таҷлил карда шавад. Аз ин рӯ, боиси хушнудии ҳар як сокини мамлакат мегардид, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи рӯзҳои ид» иловаҳо ворид намуда, Рӯзи Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ ҳамчун ҷашни умумимиллӣ муқаррар карда шавад.



# ПАРЧАМ – РАМЗИ СОҲИБДАВЛАТӢ




## ИДИ ПУРШУКУҲ

Имрӯз мо дар арафаи таҷлили иди пуршукуҳ, яъне рӯзи қабули яке аз рамзҳои давлатӣ – Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем.

Парчам нишони сарфарозиҳои мардуми тоҷик, далели шуҳрату иқболи баланд ва шукуҳафзои истиқлоли мамлакат мебошад. Парчами давлатии ҶТ ҳамрадифи соҳибихтиёрии давлат буда, аз солҳои нахустини ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ чун рамзи муқаддас арзи ҳастӣ дорад. Халқи тоҷик сарфароз аз он аст, ки парчами миллии худро дорост. Парчами миллӣ метавонад дар радифи дигар рамзҳои давлатӣ муаррификунандаи халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ бошад. Гувоҳи ин гуфтаҳо ҷойгир кардани Парчами давлатии ҶТ дар назди ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва парафшон кардани он дар конференсияву симпозиумҳои байналмилалӣ мебошад.

Бо шарофати ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ Парчами миллӣ қабул гардид, ки таҷассумкунандаи гузаштаи шоён ва ояндаи дурахшони халқи тоҷик мебошад. Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи соҳибихтиёрӣ ва симои давлат мебошад.

## ЛОИҲАИ РАМЗҲОИ ДАВЛАТӢ

Барои таҳияву пешниҳод намудан ва қабули рамзҳои нави Тоҷикистони соҳибистиқлол муддати ду сол қувваҳои эҷодиву ҷустуҷӯӣ сарф шудааст. Аввалҳои соли 1990 аз ҷониби Шурои Олии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ба таҳия намудани рамзҳои нави давлатӣ, озмун эълон карда шуд ва дар ин озмун тахминан 250 нафар ширкат варзиданд.

Дар давраи кори комиссия оид ба пешниҳоди лоиҳаи рамзҳои давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 соҳибистиқлолии худро ба даст овард. Аз ин рӯ, муаллифон бо дарназардошти ташкилшавии давлати навини тоҷикон ва ба даст овардани истиқлолият, арзишҳои миллию таърихӣ ва фарҳангии халқамонро ба назар гирифтанд.

Аз тарафи муаллифон лоиҳаи Парчами давлатӣ, ҳамчун матои росткунҷаи се рахаи рангаи уфуқӣ, иборат аз ранги сурх, сафед ва сабз пешниҳод шуд, ки рахи ранги сафед якуним баробари раҳҳои ранги сурх ва сабзро ташкил мекард ва бари матоъ бошад, якуним баробари дарозии онро ташкил мекард. Дар аввал ба сифати ангораҳои асосӣ муаллифон дар Парчами давлатӣ нақши шер, тоҷ ва ситораҳоро нақшнигорӣ намуданд. Нақши шер аз анъанаҳои форсу-тоҷик сарчашма гирифта ҳамчун рамзи боақлӣ, ҷасурӣ ва адолатро ифода менамуд. Баъд аз ин гурӯҳи корӣ дар Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷои нақши шер нақши тоҷ ва ҳафт ситораро ҷой намуданд.

## ТОҶ – ТАҶАССУМГАРИ ТОҶДОРӢ

Нақши тоҷ, ки дар Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудааст, ин рамзи давлатдории халқи тоҷдори тоҷик аст, яъне тоҷ таҷассумгари тоҷдорӣ, соҳибтоҷу соҳибтахт будани миллати тоҷик мебошад. Дар баробари нақши тоҷ дар Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҳафт ситора дар қисми болоии тоҷ дар шакли нимдоира ҷой карда шудааст. Ҳафт ситора рақами ҳафтро ифода мекунад, ки шуморашиносон онро ҳамчун рақами муқаддас ба оварандаи хушбахтӣ маънидод менамоянд.

Рангҳои миллии тоҷикон аз даврони қадим ба монанди дигар халқҳои эронинажод рангҳои сурх, сафед ва сабз будааст. Дар он рӯзгор ранги сафед рухониён (ба маънои покӣ ва озодагӣ), ранги сурх размиён (ба маънои мубориза), ранги сабз бошад, мардум (ба маънои кишоварзиву чорводорӣ ва ободӣ)-ро ифода мекард.

Таърихи 24 ноябри соли 1992 гурухи корӣ оид ба таҳияи рамзҳои нави давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ба Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Парчами нави давлатиро ба муҳокимаи вакилони халқ пешниҳод намуданд.

Лоиҳаи Парчами давлатӣ, ки таҷассумгари таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллии халқамон мебошад, дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд бо сарварии раиси навинтихобгардидаи Шурои Олии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷониби вакилони халқ якдилона барои қабул намудани он ҳамчун Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон овоз дода шуд. Рӯзи дигар, яъне 25 ноябри соли 1992 рамзи нави давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон – Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба толори Шурои Олӣ ворид карда шуд ва аввалин маротиба раиси тозаинтихоби ҳамонвақтаи Шурои Олии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди Парчами давлатӣ сари таъзим фуруд оварда, қасам ёд намуд. Баъди ин, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар болои бинои қасри Арбоб дар шаҳри Хуҷанд, ки дар он ҷо Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Тоҷикистон баргузор гардида буд, бафарохта шуд.



Нурулло ҚУРБОНАЛИЗОДА
декани факултети
ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади эҳтиром ва қадршиносӣ, инчунин садоқат ба яке аз рамзҳои асосии давлат – Парчами Тоҷикистон, бо фармони худ аз 20-уми ноябри соли 2009 санаи 24-уми ноябрро Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон доштанд ва бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонун «Дар бораи рӯзҳои ид»-ро ба парлумони ҷумҳурӣ пешниҳод намуданд. Боиси хушнудист, ки бо қабули Қонуни мазкур ҳар сол 24 ноябр ҳамчун Рӯзи Парчами давлатӣ бо ифтихору сарбаландӣ аз давлату давлатдории миллати тамаддунсози худ ҷашн гирифта мешавад.

Парчам рамзи ҳаёти осоишта, бахту иқболи сафед ва умед ба фардои неку дурахшони Ватан мебошад. Доштани парчами миллӣ ифодакунандаи осудаҳолӣ ва хушбахтии шаҳрвандони кишвар ба ҳисоб меравад. Парафшон будани парчами давлатӣ дар назди мақомоти давлатӣ, корхонаву муассисаҳо, ташкилотҳо ва ҳуҷраҳои корӣ нишон аз мавҷудияти ҳаёти осоишта дар кишвар мебошад.

Дар ҷаҳони муосир доштани парчами миллӣ ин нишони истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад, яъне давлати муосир тавассути парчами он муаррифӣ мешавад. Ҳар як давлати мустақил дорои парчами миллии худ аст. Парчамҳо дар кишварҳои олам бо вижагиҳои худ, аз ҷумла рангҳо ва дигар ҷузъҳои таркибиашон, аз ҳамдигар тафовут доранд. Парчами ҳар як давлат фарққунанда аст. Ин фарқият асосан бо роҳи ифода намудани вижагиҳои миллии ин давлатҳо, одатҳо ва анъанаҳои миллӣ дар парчам дида мешавад.

## ЭҲТИРОМИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ – ҚАРЗИ ШАҲРВАНДӢ

Парчами миллӣ мазмуни амиқи фалсафӣ дошта, он ҳадафҳои мардуми тоҷик ва давлати Тоҷикистонро таҷассум менамояд. Мо роҳи тулонии таърихро тавассути ҷоннисориҳои фарзандони арҷманди диёр тай кардем, ки ин маънӣ аз ранги сурхаш бармеояд. Ҷавҳари миллати куҳанбунёди моро озодагӣ, маънавият ташкил медиҳад ки ин ишора ба ранги сафеди парчам аст. Созандагиву ободкорӣ беҳтарин фазилати мардуми мост, ки ин ишора ба ранги сабзаш мебошад. Аз ин рӯ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, аз ҷумла, Конститутсия, Нишон, Парчам ва Суруди миллӣ қарзи шаҳрвандии ҳар як нафар аст.

Итминони комил дорем, ки минбаъд низ ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарвари тоҷик аз Парчами миллии худ ифтихор менамояд, эҳтироми онро ҳамчун рамзи давлату давлатдорӣ ва озодиву истиқлоли Ватан ба ҷо меоранд.

# ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН



Самандари ҚАЛАНДАР
омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия

Парчами давлатӣ ҳамчун нишонаи соҳибихтиёрӣ ва эътирофи давлат аз ҷониби субъектони муносибатҳои байналмилалӣ, дар муттаҳидии аҳолӣ бахри ҳифзу гиромидошти арзишҳои нухбагонии давлату миллат, ташаккули суннатҳои таърихан ташаккулёфта, таъмини муташаккилии назму субот ва ифодаи зоҳирии мақсаду мароми тамоми халқ нақши калидӣ дорад.

Парчам ҳамчун омили сарнавиштсоз бахри устувории пояҳои давлатдорӣ ва ҷомеаи воқеан шаҳрвандии ташаккулёта равона шуда, нишонаи муҳимми шинохти давлат ба ҳисоб меравад.

Парчами давлатӣ дар баробари ҳамчун муқаддасоти миллӣ ба ҳисоб рафтан, яке аз муҳимтарин рамзҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад, зеро тибқи муқаррароти конунгузории амалкунанда зимни ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ ба ин рамзи давлатӣ арҷ гузошта шуда, бо назардошти мақсаду маром ва ҳадафҳое, ки ба таври зоҳирӣ дар Парчам инъикос ёфтааст, ҳокимияти давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

Яке аз масъалаҳое муҳимме, ки бахри муттаҳиддии тамоми сокинони кишвар дар иҷлосияи 16 Шурои Олӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт, ин қабул ва ба тасвиб расидани рамзҳои давлатӣ аз ҷумла Парчами давлатӣ буд. Минбаъд, дар ҳамин Иҷлосия санаи 24 ноябри соли 1992, муҳимтарин рамзҳои муттаҳидкунандаи давлатдории навини миллӣ, Парчами давлатӣ қабул шуд, ки дар таҳкими худшиносии миллӣ, баланд бардоштани ҳуввияти миллӣ ва зиракии сиёсии сокинони кишвар нақши назаррас гузошта, боз ҳам умеди сокинонро ба ояндаи дурахшон зиёд гардонид.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун рамзи муҳимтарини истиқлолият ва ҳокимияти давлатӣ дорои як қатор хусусиятҳои ба худ хос мебошад:

**- Аз ҷониби мақомоти махсуси ваколатдор – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, аз ҷониби мақомоти махсуси ваколатдори дигар – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби тайёр кардани он муқаррар карда мешавад.**

**- Он дарбаргирандаи суннатҳои таърихан ташаккулёфта ва арзишҳои нуҳбагонии миллати тоҷик ба ҳисоб меравад;**

**- Пачами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти роҳи интихобнамуда ва тайнамудаи халқи тоҷик дар масири таърих тасвир карда шудааст;**



**- Ифодаи шакли зоҳирии Истиқлолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад;**

**- Рамзи муҳими эътирофнамоии давлат аз ҷониби дигар субъектони муносибатҳои байналмилалӣ мебошад;**

**- Фаъолияти мақомоти олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар пояи арҷ гузоштан ба Парчами давлатӣ ба роҳ монда мешавад;**

**- Тартиби махсуси омоданамой ва афрохтану ҷойгиркунии худро доро мебошад;**

**- Омили муттаҳидкунандаи миллат, сарҷамъӣ ва ба назму суботи ҳамешагӣ ба ҳисоб меравад;**

**- Дар ташаккули худшиносии миллӣ, ифодаи андешаи миллӣ, зиракии сиёсӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ нақши калидӣ дорад;**

**- Дарбаргирандаи унсурҳое мебошад, ки ба миллати тамаддунофари тоҷик хос аст;**

Аз ин рӯ, эҳтиром гузоштан ба рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла ба Парчами давлатӣ вазифаи муқаддаси ҳар як шарванд ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар асоси муқаррароти моддаи 342 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳқир кардани рамзҳои давлатӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст

Бояд қайд намуд, ки Парчами давлатӣ ҳамчун омили сарнавиштсоз ва пойдевори давлату миллат дар таҳкими фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худшиносиву ҳувияти миллӣ ва муттаҳидии кулли сокинони кишвар бахри пойдории сулҳу суботи сартосарӣ дар мамлакат ва муаррифии суннатҳои таърихан ташаккулёфтаи миллати тоҷик нақши бағоят муҳим дорад.

# ПАРЧАМ – ИФОДАГАРИ НУСРАТУ ИҚБОЛИ МИЛЛАТ

Нақши Парчам дар таърихи ҳар як кишвар ба таври хосса арҷгузорӣ меёбад, зеро маҳз тахти ин рамзи муқаддас кишварҳо фарҳангу таърих, бурдборию пешравиҳои худро муаррифӣ менамоянд.

Парчам дар ҳаёти ҳар як давлату миллат мавқеъ ва нақши хоси худро дорад, чунки он ифодагари мақсаду маром ва орзую омоли ҳар як миллату давлат аст ва ин мақсаду маром бо ранг ва нақшаҳои хос дар он таҷассум гардидааст. Дар он рангҳои сурх, сабз ва сафед ҳамчун таҷассумгари мубориза барои озодӣ ва истиқлолият, бахту иқболи сафед, ояндаи ҳаёт, сулҳу субот, саъю кӯшиш бахри сарсабзию хуррамии кишвар, тоҷ ва ҳафт ситораҳо ҳамчун таҷассумгари соҳибдавлатӣ ва соҳибихтиёрӣ инъикоси худро ёфтаанд.



Боиси ифтихор аст, ки яке аз дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ тасдиқ гардидани Парчами давлатии ҶТ мебошад. Ҳамасола, 24 ноябр мардуми шарифи Тоҷикистон ҷашни яке аз рамзҳои давлати соҳибистиқлоли худ рамзи Парчами миллиро ботантана ҷашн мегирад.

Парчам барои ҳар як халқу миллат ифшокунандаи нишонаҳои таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар хусусиятҳои хоси миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, барои миллати сарафрози тоҷик низ парчам ифодагари нангу номус, ҳисси баланди ватандӯстӣ, эҳтироми муқаддасоти Ватан, бузургдошти аҷдодони бовиқор ва боору нанги он мебошад.

Воқеан, Парчами миллӣ муқаддасоти давлат аст. Маҳз муқаддасоти миллист, ки Президенти кишвар ҷун анъана пас аз савганд ёд карданаш Парчамро мебӯсад. Ин рамзи



Умед ҒАНИЗОДА
ассистенти кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ

садоқат ба давлат, миллат ва тамоми мардуми Тоҷикистон буда, дар Парчами миллӣ мазмуни он ифода ёфтааст.

Ҳамин тариқ, Парчам дар баробари дигар рамзҳои давлатӣ – Нишон ва Суруди миллӣ шаҳодатдиҳандаи соҳибихтиёрии давлат буда, чун муқаддасоти миллӣ эътироф карда шудааст. Аз ин хотир, эҳтиром ва арҷ гузоштан ба Парчами миллӣ ногузир буда, қарзи шаҳрвандии ҳар як фарди ҷомеа мебошад, зеро эҳтиром ва арҷ гузоштан ба парчам ин эҳтиром ва арҷ гузоштан ба миллат ва халқи соҳибтамаддуни тоҷик аст.

# ПАРЧАМ – РАМЗИ ОЗОДАГОН



**«Эҳтиром ва расидан ба қадри Парчами давлатӣ ҳамчун яке аз рамзҳои муқаддаси Ватани соҳибистиқлоламон қарзи шаҳрвандии ҳар як фарди ҷомеа махсуб меёбад ва ифтихор аз он дар сириштҳ ҳар кадоми мо ҳамеша бояд устувор бошад».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

**Зоиршо СИЯРОВ**
**донишҷӯи соли 2**



Аз оғози таърих то ба имрӯз эҳтиром ва арҷ гузоштан ба Парчам маънои арҷ гузоштан ба тамоми арзишҳои миллатро дорад. Боиси зикр аст, ки Парчами давлатӣ, ҳамчун рамзи соҳибистиқлолӣ, ваҳдату якдилӣ ва муттаҳидии миллат парафшон буда, аз давлати соҳибистиқлолу демократӣ, озоду дунявӣ ва ягонаамон мужда медиҳад.

Арҷ гузоштан ба муқадасоти миллӣ ва баланд бардоштани Парчами давлатӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ин дарак аз таърихӣ будани миллат медиҳад, ки дар тули асрҳо бо шуҷоатмандиву далерии фарзонафарзандонаш хифз шуда, то ба имрӯз омада расидааст. Ҳамасола 24 ноябр ба хотири гиромӣ доштани Парчами миллӣ ҳамчун рамзи асосии давлат дар тамоми шаҳру ноҳияҳо чорабиниҳо доир гашта, ба ин васила насли ҷавонро аз таърихи фарҳанги қадимаи миллат ва муқаддас донистани рамзҳои давлатӣ, бахусус, Парчами миллӣ воқиф менамояд.

Аз ин рӯ, зикр намудан имконпазир аст, ки эҳсоси муҳаббат ва арҷгузорӣ ба Парчами миллӣ вақте комил мегардад, ки агар ҳар як шаҳрванди мамлакат эҳтироми Парчамро ба таври шоиста ба ҷо оварад.

**Суман ВАЛИЕВА**
**донишҷӯи соли 2**

Бақои ҳар миллат ба худшиносӣ, давлатдорӣ, соҳибистиқлолӣ, хифзу нигоҳдории арзишҳои миллии он дар даврахои гуногуни таърихӣ иртиботи зич доранд. Тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёд ба дорои фарҳангу тамаддуни камназир, ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим, рамзи миллӣ - "Дирафши Ковиён"-и худро доштанд. Аз ҳамон замонҳо то имрӯз Парчам ҳамчун рамзи давлатдорӣ, шаҳрвандонро ба зиндагии ором, сулҳу осоиш ва талош ба хотири ҳаёти арзанда, рушду нумуи ҳаматарафа сафарбар менамояд.

Иди Парчами давлатӣ дар ҷумҳурии мо иди ҷавон аст. Иди мазкур ҳамчун ҷашн 13 сол ва



ҳамчун рамзи давлатӣ 30 сол дорад. Новобаста аз ин, иди мазкур бо ҳисси баланди масъулият ва дар назар гирифтани арзиши он ҳамчун рисолат ва нерӯи муттаҳидкунанда, дарбаргирандаи арзишҳои сиёсиву фарҳангӣ ва ғояву ҳадафҳои миллӣ ҳар сол дар тамоми ташкилоту муассисаҳо ва умуман, дар саросари ҷумҳурӣ таҷлил мегардад.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассумгари соҳибистиқлолӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва таърихи тамаддуни ғановатманд ва пурифтихорамон ба шумор меравад. Эҳтироми волои Парчам дар сатҳи қонунгузорӣ эътироф гаштааст. Дар банди 9-уми «Низомнома дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин омадааст: «Ашхосе, ки ба таҳқири Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳкоранд мутобиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд».

Ҳамин тавр, Парчам дар тӯли садсолаҳо мояи ифтихору ғурури гузаштагони мо буда, дар қатори рамзу аркони давлатдории онҳо макому манзалати бузург доштааст.

**Шукрона РАҲМОНОВА**
**донишҷӯи соли 4**

Парчами давлатии Тоҷикистон обру, эътибор ва муаррифгари тоҷикону тоҷикистониёни тамоми ҷаҳон мебошад. Парчам яке аз рамзҳои асосии давлати мо ба ҳисоб меравад. Мо дар зери сояи Парчами миллӣ, пирӯзии кишвари хешро мебинем. Парчами миллӣ рамзи садоқат, рафоқат ва ифтихору ору номуси ватандорист. Тавре ки Пешвои муаззами миллат қайд менамоянд: "Рамзҳои давлатӣ ҳастӣ ва ифтихори миллии мо буда, гувоҳи барҷастаи истиқлолияти давлатӣ, таҷассумгари ифтихори миллӣ ва ору номуси ватандорӣ мебошад".

Мо ҷавонон дар ҳама ҷода кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки чи дар дохили кишвар ва чи хориҷ аз он, парчамбардорӣ миллати хеш бо-



шем. Парчами давлатии мо, ки сарсабзӣ, ҷониссорӣ ва рӯҳи сафеди мо тоҷикони сулҳхоҳу сулҳпарварро муаррифӣ менамояд, орзу дорем, ки ҳамеша дар фазои сулҳу дӯстӣ доимо парафшон бошад.

**Javshanjon OSTONAEV**
**first year student**

We can say the flag as a representative of the state and nation, because every person who looks at the flag can tell which state it belongs to.

It is a matter of pride that the Republic of Tajikistan has the highest flag pole in the world, the length of the pole of this flag is 165 meters and the fabric itself is 30:60, and it is listed in the Guinness Book of Records as the first.



The national flag of the Republic of Tajikistan is a rectangular fabric that includes three colors, the upper part is red, the central part is white, and the lower part is green. The white color, that is, the central color is one and a half times thicker than the red and green colors, and in the center of the flag there is also a crown and seven stars.

The regulation on the state flag of the Republic of Tajikistan was approved by the decision of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan under number 892 on December 11 in 1999. Many important words are included in this Regulation. In particular, this Regulation has explained the cases of use, where to hang it, how to treat this sacred thing, which we should know, observe, treat, because disrespecting the national sanctity is committing this crime.

In the Constitution of the Republic of Tajikistan, Article 3 of Chapter 1 states the following: - The state symbols of the Republic of Tajikistan are the Flag, Emblem and National anthem.

Any person who mistreats the state flag, not only the flag, but other state symbols, will be punished by the state authorities. The sign of the actions of such people without good consequences has its own meaning, as we mentioned, the flag represents the state and the nation. The sign of the actions of the people we mentioned above is bias towards this state and nation. In my opinion, it is a shame to consider people who are biased towards national sanctity and state symbols and look at this state and nation with a crooked eye.

**Таҳияи**
**Шерзода БУРҲОНАЛӢ**

# ПАРЧАМ – ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ВА РАМЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



**Зебоҷон АЗИМОВА**
**ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ**







Боиси ифтихор аст, ки пас аз ворид гардидани тағйирот ба Қонуни ҶТ «Дар бораи рӯзҳои ид» ҳамасола дар саросари кишвар санаи 24 ноябр ҳамчун Рӯзи Парчами давлатӣ таҷлил карда мешавад. Дар чунин сатҳ таҷлил гардидани рӯзи Парчами давлатӣ аз арҷгузорӣ ба ин муқаддасоти миллӣ дарак медиҳад, ки ин беасос намебошад. Зеро, дар қатори дигар муқаддасоти миллӣ, ки бароямон хеле азизу гиромӣ мебошанд, ба мисли Ватан, сарзамини аҷдодӣ, ваҳдат, истиқлолият, хоки муқаддаси диёр, обҳои мусаффо ва кӯҳу камари пурганҷи Ватан Парчами миллӣ низ хеле руҳнавоз ва муассиркунандаи дилхост.

Парчами миллӣ имрӯз чун рамзи давлатдории тоҷикон дар тамоми идораҳои давлатӣ, маъмурӣ, корхонаву муассиса, мактабу таълимгоҳҳо, донишгоҳу донишкадаҳои олӣ, ҳуҷраҳои корӣ ва хонаҳои шаҳрвандон мавҷуд аст. Ба ҷой овардани эҳтиром нисбат ба Парчами миллӣ қарзи ҳар як шаҳрванд аст, зеро Парчам як рамзи хосаи Истиқлолият, ватандорӣ, соҳибдавлатӣ ва рамзи ҳастии миллат аст.

Хушбахтона, моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ, ки дар он тақдири ояндаи давлату миллати тоҷикон тарҳрезӣ гардида, ба сӯйи ҳадафҳои умумимиллӣ, сулҳу субот ва ваҳдат қадамҳои нахуст гузошта шуд, баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ, доир ба таъмини сарҷамъии мардум ва ҳифзи тамомияти арзии кишвар, инчунин, рамзҳои нахустин давлати соҳибистиқлоламон – Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ қабул шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар асоси Низомнома дар бораи Парчами давлатии ҶТ “Парчами давлатии ҶТ рамзи истиқлолияти ҶТ мебошад”.

Ҳамчунин, аз ҷониби Маҷлиси Олии ҶТ 12 майи соли 2007 Қонуни ҶТ «Дар бораи рамзҳои давлатии ҶТ» қабул карда шуд, ки он аз 5 боб ва 16 модда иборат аст. Аз таҳлили меъёрҳои Қонуни зикршуда хулоса кардан мумкин аст, ки Парчами давлатӣ дорои як қатор хусусиятҳои ба худ хос мебошад:

**- Парчам – рамзи асосии ҳокимияти давлатӣ;**

**- Парчам – рамзи соҳибистиқлолии ҶТ;**

**- Парчам – ифодагари соҳибихиёрии ҶТ;**

**- Парчам – ифодакунандаи тамомияти халқи Тоҷикистон аст.**

Бигузор, то абад Парчами давлатии мо дар фазои истиқлолу озодӣ парафшонӣ кунад ва мо шаҳрвандони ин Ватан аз он ифтихору сарфарозӣ намоем.

# ПАРЧАМИ МИЛЛӢ – БАҚОИ МИЛЛАТ



**Собирҷон АБДУЛАҲАДЗОДА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ**

Парчам яке аз нишонаҳои соҳибихтиёрии давлат, ваҳдату ягонагӣ, дӯстии халқу миллатҳо, ифтихор аз ватандорӣ, нангу номус ва мубориза баҳри озодӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди қабули Эъломия «Дар бораи соҳибихтиёрии давлатии ҶТ» аз 24 августи соли 1990 ва эълони истиқлолияти миллӣ аз 9 сентябри соли 1991 зарур шуморид, ки ҳамчун кишвари озоду мустақил Парчами миллии худро дошта бошад ва мавқеи ҳуқуқии онро дар қонунгузории миллӣ танзим намояд.

Бинобар ин зарурат, дар нахустин қадамҳои давлатдории миллӣ, новобаста аз шароити мураккаби замон, зарурати қабул гардидани рамзҳои давлатӣ ба миён омад. Зеро, дар чунин шароит, ки ҳадафи аввалини роҳбарияти сиёсии кишвар таъмини сулҳу субот ва амнияти шаҳрвандон дар мамлакат буд, танҳо бо роҳи ба амал баровардани гуфтушунидҳо бо гурӯҳҳои мухолифин ва созиши оштӣ имконпазир దониста мешуд. Аз ин рӯ, суоле ба миён меомад, ки кишвари мо ва намояндагони ҳукумати конститутсиониро зери кадом аломат мешиносанд ва чӣ тавр фарқ мекунанд? Бинобар ин, дар чунин вазъият мавҷудияти рамзҳои давлатдорӣ зарур шуморида мешуд. Аз ин лиҳоз, бо ташаббуси Пешвои миллат нахуст рамзҳои давлатӣ, аз қабили Парчами давлатӣ қабул гардид, ки муаррифгари давлат ва миллати мо дар арсаи байналмилалӣ



ва баамалбарории сиёсати хориҷӣ дониста мешавад.

Ҳамин тавр, боиси ифтихор ва хушбахтист, ки дар баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, соҳиби Парчами миллии худ гаштем, ки таҷассумгари гузаштаи шоён ва ояндаи дурахшони мо тоҷикон мебошад. Аслан дар парчами кишварамон даъват ба иттиҳоду сарҷамъӣ, ватандӯстӣ, талош барои бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва башардӯстии миллати мо таҷассум ёфтааст.

Воқеан, Парчами миллӣ рамзи садоқат ба давлат, миллат ва тамоми мардуми Тоҷикистон буда, барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол чун рамзҳои давлат ва муқаддасоти миллӣ эътироф карда шудааст. Аз ин лиҳоз, эҳтироми волои рамзҳои давлатӣ ногузир аст ва бояд тавре ба онҳо муносибат намуд, ки нисбаташон беҳурматӣ зоҳир нагардад. Зеро Парчами давлатӣ таҷассумгари мазмуну моҳияти давлат, таъриху фарҳанги халқ, арзишҳои миллию ҷуғрофии кишвар мебошад.